АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №4, 2014

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №4, 2014

УДК: 4 тадж (04) +4 (эрон)

БАҶОЛВАНД А.[1]

# МУҚОИСАИ СУВАРИ ХАЁЛ ДАР САБКИ «ИРОҚӢ» ВА «САБКИ ҲИНДӢ»

Мақола ба муқоисаи татбиқи сувари хаёл дар сабки ироқӣ ва сабки ҳиндӣ бахшида шудааст. Барои масъалагузорӣ ва ҳалли он аз миёни шоирони сабки ироқӣ се шоири барҷастаи сабки ироқӣ: Саъдӣ, Мавлоно Румӣ, Хоҷ Ҳофиз ва аз миёни шоирони сабки ҳиндӣ низ се шоири барҷаста Сойиб, Бедил ва Ҳазин интихоб шудаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки қолаби роиҷи шеърӣ дар сабки ироқӣ ғазал аст, ғазал ба унвони воҳиди таҳлили муштарак дар сабки ироқӣ ва ҳиндӣ таъйин гардида, аз ҳамин зовия ба ин сабкҳо андешаронӣ шудааст.

**Калидвожаҳо:** сабк, сабки ироқӣ, сабки ҳиндӣ адабиёти форсии тоҷикӣ, Саъдӣ, Румӣ, Ҳофиз, Сайиб, Бедил, Ҳазин, ғазал.

Ҳунар ва адаб яке аз таҷаллиёти рӯҳи одамӣ ба шумор меояд. Бо сайре дар таърихи башар ба возеҳ мебинем, ки адаб ва ҳунар дар тамоми ҷавомеъи башарӣ вуҷуд доштааст. Ба таъбири ҳунарӣ: «Ҳунар, таҷаллии ғаризаи офаридагории инсон аст дар идомаи ин ҳастӣ,ки таҷаллии офаридагории Худост, то камбудиеро, ки дар ин олам эҳсос мекунад, ҷуброн намояд ва бадин гуна безорӣ ва беқарорӣ хешро дар ин сарое, ки на барои ӯ кардаанд таҳқиқ диҳад ва зистан дар ин ғурбат ва даромехтан бо анбӯҳи бегонаҳоро таҳаммул кунад» (1, 557). Бо ин муқаддима шеъру адаб ба унвони гунае аз таҷаллии рӯҳи одамӣ дар бистари замон ба алвон ва сувари гуногун мутаҷаллӣ мешавад.

Ибҳом дар шинохти сабки ҳиндӣ ва ибҳом дар ташбеҳ ё тамойизи ду сабки ироқию ҳиндӣ ба лиҳози корбурди сувари хаёл масъалаи илмиест, ки зеҳну забон бахше аз ҷомеаи илмиро ба худ машғул дошта, лоҷарам «ниёз ба иқдом»- ро ба вуҷуд овардааст. Дар таърифи сувари хаёл бояд гуфт: «тасрифи зеҳни шоир дар мафҳуми табиату инсон ва ин кӯшиши зеҳни ӯ барои барқарорӣ нисбат миёни инсону табиат чизест, ки онро хаёл ё тасвир меномем ва асари маънавии шеърӣ дар ҳама забонҳо ва дар ҳама адвор ҳамин хаёл ва шеваи тасрифи зеҳни шоир дар нишон додани воқеоти моддӣ ва маънавӣ аст ва заминаи аслии шеърро сувари гуногуну бекаронаи ин навъ тасрифоти зеҳнӣ ташкил медиҳад»[1,2]

Умдатарин шоирони сабки ироқӣ Шайх Саъдӣ, Ҷалолуддини Румӣ, ва Хоҷа Ҳофиз мебошанд. Алам бардорони сабки ҳиндӣ бошанд Сойиби Табрезӣ, Абдулқодири Бедил ва Ҳазин шинохта шудаанд. Бо ин васф суол ва масъалаи асосии таҳқиқ ин аст, ки сувари хаёл дар сабки ироқӣ ва ҳиндӣ ба чӣ сурат аст?

Дар ин таҳқиқ аз назарияи ideal type (синхормонӣ) ва evolution (татаввургароӣ) барои чаҳорчӯбаи назарӣ истифода шудааст. Синхормонӣ обзоре сохта ва дасти муҳаққиқ барои шинохти воқеот ё падидаҳо мебошад. Он ба таъбири як намунаи ормонӣ, қолиб ва калидӣ аст, шомили маҷмӯаи мафҳумҳое, ки муҳаққиқи улуми фарҳангӣ онҳоро танҳо ба манзури дастабандии воқеоти пароканда танзим мекунад (3,272). Аммо дар ин посух ба ин ки шеваи корбасти синхормонӣ чӣ гуна аст? Ё чӣ гуна як намуна мисоле месозад?- суолҳо пеш меоянд. Бояд гуфт, ки мабдаи ин назария сохтани як навъ ормонеро мунавват ба

[1] **Адрес для корреспонденции: Абуталиб Баджолванд**–соискатель Института языков им. С.Улугзоде Республики Таджикистан. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки-33.тел: 2217796.

ҷамъоварии сифот ва вижагиҳои як падида медонад. Бинобар ин, дар мақола аввал ба нигариши татаввугарой ба падидаи сувари хаёл нигариста, сипас бар асоси назарияи синхормонӣ шохисҳои падидаи сувари хаёл ба вуҷуд омадааст. Дар зер модели назарӣ мавриди назар қарор дода шуд. Инак модели назарии сувари хаёл:




Сувари хаёл дар сабки ироқӣ ва ҳиндӣ ба чӣ сурат аст? Ба ин пурсиши оғозӣ ё пурсиши калон пурсишҳои ҷузъии зер пеш меоянд, монанди: Гунаҳои сувари хаёл дар сабки ироқӣ кадомҳоянд? Гунаҳои сабки ҳиндӣ кадомҳоянд? 3. Ваҷҳи иштироки гунаҳои хаёлӣ дар сабки ироқӣ ва сабки ҳиндӣ чист? 4. Кадоме аз гунаҳои хаёлӣ дар сабки ироқӣ нисбат ба сабки ҳиндӣ ҳунармандонатар пардозиш шудааст? 5. Кадоме аз гунаҳои хаёлӣ дар сабки ҳиндӣ нисбат ба сабки ироқӣ ҳунармандонатар пардозиш шудааст? 6. Кадоме аз гунаҳои хаёлӣ дар сабки ироқӣ нисбат ба сабки ҳиндӣ заифтар пардозиш шудааст ё баракс? 7. Басомади кадоме аз гунаҳои хаёлӣ дар сабки ироқӣ аз сабки ҳиндӣ бештар аст ё баракс? Ва ғайра.

Ҷойи ёд кард аст, ки сабки ироқӣ ва сабки ҳиндӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ арзи ҳастӣ намудаанд. Ба андешаи як идда адабиёт шиносону мусташриқон, аз ҷумла Шамисо Сирус сабки ироқӣ ба лиҳози таърихӣ давраи муғулонуэлхонон ва муғулонро дар бар мегирад ва аз қарони ҳафтум то охири қарни нуҳум идома кардааст [4, 193]. Сабки ҳиндӣ бошад шеваи суханварии шоирони форсигӯй аз сарзамини Ҳинд мебошад, ки аз охири садаи ёздаҳуми ҳиҷрӣ ба баъд дар Ҳиндустон зуҳур кардааст. Сабки ҳиндӣ аз аввали қарни XI то миёнаи қарни XII, дар муддати 150 сол дар адабиёти фосӣ ривоҷ дошт [4,284].

Дар заминаи суолҳои пешгузашта ва ёфтаҳои таҳқиқ ин натиҷа ба даст омад, ки сувари хаёл ба шаклҳои куҳна ва нав дар шабки ироқӣ ба кор рафтааст. Ташбеҳ, истиора, маҷоз ва киноя аз сувари хаёли куҳан ба шумор мераванд, ки ҷадвали чаҳоргонаи сувари хаёли қадимаро ташкил додаанд. Аммо бар асоси назарияи татаввургаройӣ (тавре ба тавре шудан) суратҳои хаёлии дигаре, ҳамчунин иғроқ, тамсил, мисраъи тамсилӣ, иҳом, иҳоми таносуб, ваҷҳоройӣ, таркиби тахайюл, ҷонбахшӣ бо таркиби тахайюл, ҷонбахшӣ бе таркиби тахайюл, шумориши хаёлангез ва ошноизудой дар шеъри сабки ироқӣ дида мешавад. Бархе аз ин сувари хаёл бо басомади бештаре ва бархе бо басомади камтар, бархе бо заъфу бархи дигар бо ҳунармандии бештаре пардозиш шудаанд.

Сувари хаёл дар шакли куҳна ва нав дар сабки ҳиндӣ ба кор рафтааст. Ҳамин аст, ки ташбеҳ, истиора, киноя ва маҷоз аз сувари хаёли куҳан бо басомадаҳои мутафовут дар сабки шеъри ҳиндӣ ба назар мерасад. Илова бар он суратҳои хаёлии дигаре, мисли иғроқ,

тамсил, мисраи тамсил, иҳом, иҳомӣ таносуб ваҷҳорой, таркиби тахаюл, ҷонбахшой бо таркиби тахайюл ва бе таркиби тахайюл, ҳисомезӣ, шумориши хаёлангезу ошноизудой дар шеъри сабки ҳиндӣ дида мешавад.

Ваҷҳи иштироки сувари хаёл дар сабки ҳиндӣ ва ироқӣ дар корбурди сувари хаёл матнуъ мебошад. Бадин маъно, ки шоирони ду сабки ироқӣ ва ҳиндӣ анвоъи сувари хаёлро шомили: ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя, иғроқ, иҳом, иҳоми таносуб, ваҷҳорой, тамсил, мисраъи тамсил, ҷонбахшой бо таркиби хаёл, ҷонбахшой бе таркиби хаёл, ҳисомезӣ, шумориши хаёлангез ва ошноизудоро дар шеъри худ ба кор бурдаанд.

Шоирони сабки ироқӣ сувари хаёлро бо фасоҳату балоғати бештаре пардозиш намудаанд, то ҷое ки метавон сабки ироқиро сабки фасоҳату балоғат номид. Аммо шоирони сабки ҳиндӣ сувари хаёлро бо печидагиҳои зиёде дар ҳам танидаанд. То ҷое ки на танҳо хонандаи оддӣ, балки асҳоби фан низ дар фаҳми онҳо бо мушкил мувоҷеҳ мешавад. Бинобар ин, муҳимтарин ваҷҳи ифтироқи сабки ироқӣ ва сабки ҳиндиро метавон дар фасоҳату балоғати сабки ироқӣ ва мазмунёбию хаёлбандиҳои дур аз замон дар сабки ҳиндӣ ба шумор оварда, ба тавре ки бар асоси қонуни ҳамешагӣ:

Феълро дар ғайб асарҳо зоданист
В- он мавolidаш ба ҳукми халқ нест [5,106].

Феъли халқшуда тавассути шоирони сабки ҳиндӣ, яъне ҳамон мазмунёбиҳои ифротӣ ва хаёлофариниҳои дур аз зеҳн, маволиди дигаре халқ мекунад, ки худ гӯркани сабки ҳиндӣ мешавад.

Ёфтаҳои таҳқиқ нишон медиҳад аз миёни сувари хаёли ба кор рафта дар ду сабк ваҷҳорой, иҳом ва иҳоми таносуб дар сабки ироқӣ ҳунармандонатар пардозиш шудаанд. Аз он ҷо, ки «форм ва муҳтаво» сангбинои ҳар асари ҳунарист, метавон натиҷа гирифт, ки ваҷҳороиҳои сабки ироқӣ, хусусан Ҳофиз, аз фасоҳату балоғати хосе бархурдор аст, гӯё ҳарфҳои такроршуда дар байт урён шудаанд ва назди чашми бинанда мерақсанд. Аз тарафе ба лиҳози муҳтаво низ бисёр ғанӣ ҳастанд, аммо ваҷҳороиҳои ба кор рафта дар сабки ҳиндӣ шояд бархе аз онҳо ба лиҳози муҳтаво қавӣ бошанд, аммо ба лиҳози корбурди форм ва ҳисси зебоишинохтӣ заиф ҳастанд.

Аз миёни навъҳои сувари хаёл тамсил, мисраи тамсил, тасвири парадокс, таркиби тахайюл, шумориши хаёлангез ва ҳисомезӣ ҳунармандонатар пардозиш шудаанд. Дар тамсилҳои сабки ироқӣ маъмулан мисраи дуввум бо ҳарфи «Ка» шуруъ мешавад, ба тавре ки ин навъ пардозиш сакта эҷод мекунад ва аз зебоии тамсил мекоҳад, дар сурате ки дар сабки ҳиндӣ тамсилҳо умдатан дар мисраи дуввум бидуни ҳарфи «Ка» халқ шудаанд ва ин худ бар зебоии тамсил афзудааст.

Дар мисраи тамсилҳо бо таваҷҷуҳ ба ин ки дар шуарои сабки ҳиндӣ ёди тилой дар мазмунёбӣ доштаанд, маънои бешуморе дар дарёи бекарони ҳастӣ сайд намудаанд. Дар сурате, ки басомади маъонии сайдшуда дар дарёи ҳастӣ ва гунҷонидани он дар такмисраъҳо дар сабки ироқӣ маҳдуд аст. Хусусан басомади сувари хаёли мисраи тамсил дар шеъри Саъдӣ бисёр маҳдуд аст. Бинобар ин, 1- асрори шоирони сабки ҳиндӣ бар сайди маъонӣ дар дарёи бекарони ҳастӣ ва гуноҷонидани он дар такмисраъҳо. 2- тамаркузи беш аз ҳад бар сурати хаёлии мисраи тамсилӣ боис шудааст, сабки ҳиндӣ нисбат ба сабки ироқӣ ба лиҳози мисраи тамсил барҷастагии хосе дошта бошад, ба тавре ки метавон сабки ҳиндиро сабки мисраи тамсил донист. Бо боз кардани девони шеъри сабки ҳиндӣ, хусусан Соиб ин натиҷа ба даст меояд, ки аввалин сурати хаёлӣ, ки чашмро навозиш мекунад, мисраъи тамсил аст. Тасвири парадоксҳо дар сабки ҳиндӣ аз сабки ироқӣ ҳунармандонатар пардозиш шудаанд. Намунаҳое ҳамчун: ҷониби беҷонибӣ, сурати бесурати маъшуқ, харобобод, болои пасти мо, шарики тақвияи ном, арбоби ҳоҷиб, арбоби бемурувватi даҳр ва ёри ширинсухани сухани нодирагуфтор, ки дар сабки ироқӣ ба кор рафтаанд, бо сабки ҳиндӣ қобили қиёс нест. Тасвири парадоксҳое ҳамчун: арбоби фақр, пироҳани урёнӣ пӯшидан, ҷони надошта ба лаб

омада, фиреби исмати амома, ки дар сабки ҳиндӣ ба кор рафта, тасвири парадоксҳои содда ва печидае ҳастанд, ки бо ҳунармандии бештаре халқ шудаанд.

Сурати хаёлии шумориши хаёлангез дар сабки ҳиндӣ нисбат ба сабки ироқӣ ҳунармандонатар пардозиш шудааст. Шумориши хаёлангезҳо дар сабки ироқӣ, хусусан дар шеъри Саъдӣ ибтидоитар пардозиш шудааст, то ҷое ки гоҳ-гоҳе ба забони омма наздик мешавад ва чандон халлоқияти ҳунарӣ баҳри аҷоибии хонанда надорад. Таркиботе аз қабили сад ҳазор чун мо, сад фитна, ҳазорон кор ва… чандон тафовуте бо забони омма надорад. Он даста аз шумориши хаёлангезҳои ҳунармандона дар сабки ироқӣ, ки аз забони рӯзмарра фосила мегирад ва бо ҳунармандии бештаре халқ шудаанд, басомади он кам аст ва унвони мисол намунаҳое аз қабили: гули садбарг, ҳазор газ савдо, аруси ҳазор домод, ки бо ҳунармандии аҷоибангезе халқ шудаанд, басомади каме дорад ва дар баробари он ҳама шумориши хаёлангезҳои ҳунармандона ва мутафовути сабки ҳиндӣ ба чашм намерасад. Бо ҷуръат метавон гуфт, мутафовуттарин «шумориши хаёлангезҳо»-ро дар шеъри форсӣ шоирони сабки ҳиндӣ халқ намудаанд. Намунаҳое чӣ қаблу чӣ баъд аз он дар шеъри ҳеҷ шоире пайдо намешавад. Намунаҳое аз қабили: як киштӣ ҳубоб, сад корвон ашк, сад силсила оҳ, сад танги шукр, хамёзаи сад барг, сад дашти Маҷнун, ки аз ҳунармандии хос бархурдоранд ва басомади он низ болост, фақат ва фақат дар сабки ҳиндӣ дида мешавад.

Ёфтаҳои таҳқиқ нишон медиҳад, сурати хаёлии ҳисомезе дар сабки ҳиндӣ бо халоқият, печидагӣ ва ҳунармандии бештаре пардозиш шудааст. Таркиботе чун: дар кони наботу туршрӯӣ, маъшуқи қамаррӯйи шакарбор, лабширин, ки дар сабки ироқӣ ба кор рафтааст, қобили қиёс бо ҳисомезиҳои ба коррафта дар сабки ҳиндӣ нест. Таркиботе чун: нози хушк, зулфи сухан, талхшеван, шароби хушквори бӯса ва даҳони намунаи ҷавру ҷаври дигар, ки дар шеъри шоирони сабки ҳиндӣ ба кор рафта, бидуни шак ба лиҳози таркиби ҷодуӣ форму мухтаво ва халқи ҳунарӣ аз сабки ироқӣ ҳунармандонатар пардозиш шудаанд. Таркиботе, ки аз канори ҳам қарор гирифта ду ё чанд ҳиси инсонӣ ба вуҷуд омада ва ҳавзаи сувари хаёлро дар гунаи ҳисомезӣ ғановати хосе бахшидааст.

Аз миёни гунаҳои сувари хаёли ба кор рафта дар сабки ироқӣ тамсил, мисраи тамсил, тасвири парадокс, шумориши хаёлангез ва ҳисомезӣ нисбат ба сабки ҳиндӣ заифтар пардозиш шудаанд.

Ҳисомезиҳои сабки ироқӣ низ пештар таркиботе аз қабили шириндам ва туршрӯй ва лабширину бути ширин ва ёри ширинсухан аст, ки бинобар асли равоншинохтӣ: «Шукри зиёд дар истакон рехтан, дилзадагӣ меоварад» дилзадагиҳо ба бор оварда ва дар қиёс бо ҳисомезиҳои халқшуда дар сабки ҳиндӣ, хиҷил шудани қатра аз дидани рӯи дарёст.

Суратҳои хаёлии иҳом, иҳоми таносуб ва ваҷҳоройӣ дар сабки ҳиндӣ нисбат ба сабки ироқӣ заифтар пардозиш шудааст. Шояд ба далели он ки аз миёни шоирони форсигӯй бештар аз ҳама Ҳофиз сурати хаёлии иҳом, иҳоми таносуб ва ваҷҳороиро ба такомул расонидааст. Бинобар ин, шуарое чун Бедил оқилӣ карда ва пое дар кафши Ҳофиз накарда ва дар майдони дигар ба ҷанги маонӣ ва хаёл рафтаанд.

Ваҷҳороиҳои сабки ҳиндӣ дар баробари он «раққосиҳои ҳуруф» дар шеъри Ҳофиз пашме дар коло надорад. Ҳар кадом аз ин рақсҳои ҳуруф дар шеъри Ҳофиз обистани дусад маъност. Ҳофиз, ин ҷодугари хаёл ва маъно ҳуруферо урён карда назди чашмони мо ба рақс андар оварда, ки тӯли дусад маънояш сар ба осмон месояд.

Аз миёни шоирони сабки ироқӣ ба нисбати теъдоди ашъор гунаҳои хаёлии иҳом, иҳоми таносуб ва ваҷҳоройӣ дар шеъри Ҳофиз бештар аст ва ба ҳамин қиёс ба нисбати теъдоди ашъор, басомади иҳом, иҳоми таносуб ва ваҷҳоройӣ дар шеъри Ҳазин бисёр кам аст ва метавон аз ин ҳис девони Ҳазинро девони лоғаре донист.

Ёфтаҳои таҳқиқ нишон медиҳад, ки аз миёни гунаҳои сувари хаёл дар шеъри ду сабки ироқӣ ва ҳиндӣ гунаҳои хаёлии тамсил, мисраъи тамсил, шумориши

хаёлангез, таркиби тахайюл, ҷонбахшӣ, ҳисомезӣ дар сабки ҳиндӣ аз басомади болое бархурдор аст. Ба тавре ки бо боз кардани девони ашъори онҳо ин суратҳои хаёлии зебо назди чашмони бинанда меракӣсанд.

Гунаҳои хаёлии тамсил, мисраъи тамсил, тасвири парадокс, шумориши хаёлангез ва ҳисомезӣ дар шеъри шоирони сабки ироқӣ аз басомади камтаре бархурдор аст. (Албатта, аз миёни шоирони сабки ироқӣ Ҳофиз ба лиҳози гунаҳои мухталифи сувари хаёл, аз ҷумла тасвири парадокс истисност). Басомади иҳом, иҳоми таносуб ва ваҷҳорой дар сабки ҳиндӣ нисбат ба сабки ироқӣ камтар аст. Хусусан девони Ҳазин нисбат ба сувари хаёл, иҳом, иҳоми таносуб, ваҷҳорой девони лоғаре маҳсуб мешуд. Нукта ин ки басомади иҳом ва иҳоми таносуб дар девони Бедил нисбат ба дигар шоирони ин сабк барҷастагии чашмгире дорад, ки бо эҳтисоби басомади зиёди ашъори вай ё Ҳофиз, ки ашъори камтаре дорад, ин мушкил ҳал хоҳад шуд.

Ниҳоят, метавон гуфт, ки муқоисаи сувари хаёл дар сабкҳои ироқӣ ва ҳиндӣ баёнгари онанд, ки таҳдоби онҳо аз санъатҳои бадеӣ , дар яке зиёдтар ва дар яке камтар барои ҳунари шоирӣ истифода шудаанд.

**Адабиёт**

1. Шариатӣ, Алӣ. Чӣ бояд кард? Теҳрон. Интишороти Қалам, чопи сеюм.- 1373
2.
3. Шафеии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Мусиқии шеър. Теҳрон.- 1370
4. Танҳоӣ, Ҳусайн. Даромаде бар макотиб ва назарияҳои ҷомеашиносӣ. Машҳад, нашри Марандиз, чопи чаҳорум.- 1379
5. Шамисо, Сирус. Сабкшиносии шеър. Теҳрон. -1375
6. Муҳаммад Балхӣ, Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. -Теҳрон: Корвон. Чопи дуюум, 1387

**БАДЖОЛВАНД А.**

## СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ФОРМ ВООБРАЖЕНИЯ «ИРАКСКОГО» И «ИНДИЙСКОГО» СТИЛЕЙ

Настоящее исследование посвящается сравнению форм воображения иракского и индийского стилей. Среди поэтов, которые сочиняли в иракском стиле, можно упомянуть имена Саади, Хафиза и Руми, а из числа поэтов, сочинявших в индийской стиле, имена трех выдающихся поэтов - Саиба, Бедиля и Хазина.

Поскольку ныне самым распространённым жанром в иракском и индийском стилях является газель, поэтому она стала предметом сопоставительного анализа в указанных стилях.

**Ключевие слова:** стиль, иракский стиль, индийский стиль, воображение

**BAJOLVAND A.**

## COMPARISON FORMS IMAGINATION OF IRAQI AND INDIAN STYLES

The present study is devoted to comparing the forms of imagination Iraqi and Indian styles. Among the poets who composed in the Iraqi style can mention the names of Saadi, Hafiz and Rumi, a number of poets who composed the Indian style, the names of three prominent poets - Saib, Bedil and Khazina.

Because, now the most common genre in Iraqi and Indian styles is a gazelle, so she became the subject of benchmarking in these styles.

**Keywords:** style, Iraqi style, Indian style, imagination